آوازتاجیک

*Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад*

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

*Бани одам аъзои якдигаранд!*

# Овози тоҷик

3 декабри соли 2025
Чоршанбе
№ 97 (15212)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# ҶИЗЗАХ БА МАРКАЗИ НУҚТАҲОИ НАВИ РУШД ТАБДИЛ МЕЁБАД

***2 декабр Президент Шавкат Мирзиёев бо мақсади шиносоӣ бо раванди ислоҳоти иҷтимоиву иқтисодӣ, инчунин, муайян кардани вазифаҳои минбаъда бо иштироки фаъолон ба вилояти Ҷиззах ташриф овард.***





Роҳбари давлат нахуст бо корҳое, ки бобати бунёди инфрасохтори муосир ва мусоиди роҳҳо амалӣ мегарданд, шинос шуд.

Бо мақсади пайваст намудани маркази вилоят ба шоҳроҳи байналмилалии М-39 бо маблағи тақрибан 290 миллиард сӯм пули 700-метра ва ба масофаи 4 километр роҳи нави автомобилгард сохта шуд.

Ин роҳ барои ҳаракати зиёда аз 14 ҳазор воситаи нақлиёт дар як рӯз мусоидат менамояд.

То ба ҳол сокинон барои вуруду хуруҷ аз шаҳр маҷбур буданд, ки роҳи 25-километраро давр зананд. Ба шарофати иншооти нав, масофа то 4 километр кӯтоҳ шуд ва мушкилоти танбашавӣ дар роҳи кӯҳна бартараф гардид. Ин иқдом на танҳо барои ронандагон, балки барои соҳибкорон, логистика ва бахши хидматрасонӣ низ аҳамияти бузург дорад.

Пул аз технологияҳои муосири сохтмони металлӣ сохта шуда, мӯҳлати хидмати он 100 сол арзёбӣ мегардад. Гузаргоҳҳои анъанавии оҳанӣ-бетонӣ одатан 50 сол хидмат мекунанд. Пас, мӯҳлати хидмат ду баробар зиёд шудааст.

Боз як ҷиҳати муҳими лоиҳа он аст, ки пештар ҳангоми гузаштани қатораҳои мусофирбар ва боркаш автомобилҳо маҷбур буданд дар буриши роҳи оҳан мунтазир шаванд ва акнун, бо сохтмони ин гузаргоҳ, ҳаракати нақлиёти ёрии таъҷилӣ, оташнишонӣ ва дигар хадамоти махсус хеле осон мегардад.

Дар ҳамин ҷо ба роҳбари давлат дар бораи ҷараёни иҷрои лоиҳаҳои энергетикаи атомӣ маълумот дода шуд.

Ҳоло дар вилояти Ҷиззах сохтмони нерӯгоҳи барқи атомии муттаҳид, ки аз ду реактори камқувват ва ду реактори калон иборат аст, оғоз ёфтааст.

Дар марҳилаи кунунӣ корҳои кофтуков барои бинои реактор босуръат идома меёбанд. Барои пойгоҳи сохтмон ва васлу насб корҳои ҳамворсозӣ, бетонрезӣ ва арматурагузорӣ идома доранд. Барои зисти коргарон маҷмааи муваққатии истиқоматӣ сохта шудааст.

Нақшаҳо ҷиҳати маҳаллисозии истеҳсоли масолеҳи зарурии сохтмон барои нерӯгоҳи барқи атомӣ, инчунин, густариш додани омодасозии кадрҳо барои соҳа дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ муаррифӣ гардиданд.

Дар бораи лоиҳаи сохтмони шаҳраки махсус барои мутахассисон ва оилаҳои онҳо, ки дар нерӯгоҳи ояндаи барқӣ меҳнат хоҳанд кард, маълумот дода шуд. Ин шаҳрак дар масофаи 16 километр аз неругоҳ ҷойгир шуда, барои 10 ҳазор нафар пешбинӣ гардидааст ва дар он тамоми инфрасохтор, иншооти иҷтимоӣ ва хидматрасонӣ мавҷуд хоҳад буд.

Президент бо муаррифии мастер-нақша ва лоиҳаҳои ба таври муосир реноватсия намудани даромадгоҳи шаҳри Ҷиззах низ шинос шуд.

Дар асоси барномаи реноватсия, дар ҷойи хонаву биноҳои кӯҳнаи Ҷиззах бунёди манзилҳои истиқоматии муосир, мусоид ва бехатар ба нақша гирифта шудааст. Инчунин, бо лоиҳаҳои сохтмони бинои маркази IT, таъсис додани маркази ҳунармандӣ, бозсозии баъзе маҷмааҳои мавҷуда ва танзими кӯчаҳои серҳаракат низ шинос гардид.

– Ҷиззахи имрӯза, дигар Ҷиззахи дирӯза нест. Иқтидор ва имкониятҳои вилоят бамаротиб афзуданд, муносибати мардум ба зиндагӣ ва кор куллан тағйир ёфтааст. Ин имкониятҳоро бояд ба лоиҳаҳои мушаххас табдил диҳем, то ба боло рафтани сатҳи зиндагии мардум хидмат кунанд, – гуфт Президент.

Аз рӯйи масъалаҳое, ки дар рафти тақдимот баррасӣ гардиданд, ба масъулон супоришҳои мушаххас дода шуданд.

Роҳбари давлат бо фаъолияти Мактаби муҳандисии автомобилсозӣ, ки дар назди Донишгоҳи политехникии Ҷиззах таъсис ёфтааст, шинос гардид.

Дар ин ҷо бо корхонаҳои «BYD Uzbekistan Factory» ва «ADM Jizzakh» бобати омода кардани мутахассисони ботаҷриба ва ба кор ҷойгир намудани онҳо ҳамкорӣ роҳандозӣ шудааст.

Дар Мактаби муҳандисӣ барномаҳои таълимӣ оид ба чор самти таҳсил аз рӯйи ихтисоси соҳаи нақлиёт дар асоси тамоюлҳои нав роҳандозӣ шудаанд. Бахусус, донишҷӯёне, ки курси дуюмро бо натиҷаҳои баланд хатм мекунанд, дар платформаҳои таълимии муосир, ки дар асоси талаботи корхонаи BYD таҳия гардидаанд, таҳсилоти дусолаи дуалиро аз бар менамоянд. Донишҷӯён дар ҳамкории мустақим бо корхона таҷрибаомӯзӣ мекунанд, ин ба онҳо имкон медиҳад, ки сертификати роҳхати махсусро барои кор ба даст оранд.

Дар курсҳои кӯтоҳмуддати омодагӣ ба довталабон, ки нияти кор дар корхонаро доранд, инчунин, кормандони завод ва ҷавонони бекор касбҳое, ки онҳо шавқ доранд, омӯзонида мешаванд. Дар ин ҷо мини-конвейери истеҳсоли автомобилҳои BYD низ таъсис ёфтааст. Дар коргоҳи истеҳсолӣ шуъбаҳои кафшергарӣ, рангкунӣ, васлнамоӣ ва назорати сифат мавҷуданд.

Утоқҳои махсуси ба самтҳои сохту тарҳи автомобилҳои барқӣ ва истгоҳҳои заряддиҳӣ, хидматрасонӣ ба электромобилҳо, муҳандисии саноатӣ ва барномасозӣ, муҳандисии арзиши аслӣ ва реверс ихтисосонидашуда таъсис ёфтаанд.

Дар саноати автомобилсозии ҷаҳон як қоида вуҷуд дорад: корхонае, ки рақиби худро таҳлил намекунад, пешрафт карда наметавонад.

Дар ин Мактаби муҳандисии Ҷиззах бори аввал дониш ва малакаҳои муқоисаи техникию таҳлилии маҳсулот, моделсозии хароҷот (cost modeling), оптимизатсияи истеҳсолот ва муқоисаи равандҳо бо меъёрҳои ҷаҳонӣ низ омӯзонида мешаванд.

Мактаби муҳандисӣ на танҳо барои донишҷӯён, балки барои ҷавонон ва мутахассисоне, ки мехоҳанд дар соҳа фаъолият кунанд, низ боз аст. Дар ин ҷо барномаҳои такмили ихтисос, курсҳои ибтидоии касбомӯзӣ ва модулҳои таълимии амалӣ барои соҳибкорон ташкил гардидаанд. Дар онҳо мутахассисони пешқадам ва муҳандисони соҳибтаҷрибаи корхонаҳои истеҳсолӣ фаъол иштирок мекунанд.

Мақсади асосии мактаб – ҳамчун кадри тайёр омода кардани донишҷӯ ба муҳити кори амалӣ пеш аз ба ҷойи кор рафтан мебошад. Дар натиҷа, хатмкунандагон ба мутахассиси ба талаботи бозор пурра ҷавобгӯ, соҳибкасб ва рақобатпазир табдил хоҳанд ёфт.

Роҳбари давлат аз раванди машғулот дар мактаб дидан кард, бо донишҷӯёне, ки дар мини-конвейер кор мекунанд, суҳбат намуд.

Президенти мамлакат ҳамчунин дар ин ҷо бо фаъолони ҷумҳурӣ ва вилоят мулоқот анҷом дод.

Таъкид шуд, ки солҳои охир дар Ҷиззах дар соҳаи саноат, кишоварзӣ ва дигар бахшҳо натиҷаҳои назаррас ба даст меоянд. Зикр гардид, ки бо вуҷуди ин, ҳанӯз имкониятҳои истифоданашуда зиёданд.

– Мақсад аз сафар ба Ҷиззах, муайян кардани нуқтаҳои нави рушд мебошад. Муҳимтар аз ҳама, барои мардум, бахусус, ҷавонон, фароҳам овардани шароити муносиб, таъминсозии онҳо бо кори сердаромад аст, – гуфт роҳбари давлат.

Президент Шавкат Мирзиёев аз Маркази тиббии бисёрсоҳаи вилояти Ҷиззах, ки нав бунёд гардид, боздид намуд.

Ин маҷмаа аз он ҷиҳат муҳим аст, ки ба аҳолӣ тамоми хидматҳои зарурии тиббиро дар як ҷо пешниҳод мекунад. Лоиҳа марҳилаи аввали кластери тиббӣ ба ҳисоб меравад, ки дар вилоят ташкил мегардад.

Дар тиббиёти муосир чунин низоми кластерӣ ҳамчун модели аз ҳама босамар дар ташхиси фаврӣ, табобат бо технологияҳои баланд ва кам кардани равандҳои бюрократӣ барои беморон эътироф шудааст.

Ба роҳбари давлат дар бораи имкониятҳои муассиса маълумот дода шуд. Президент бо шароите, ки барои табобати беморон ва кори самараноки шифокорон фароҳам гардидааст, шинос гардид.

**(Давомаш дар саҳ.2).**

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон.*

***Фармони Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон***

## ДАР БОРАИ БА ВАЗИФАИ ҲОКИМИ ВИЛОЯТИ ҶИЗЗАХ ТАЪИН НАМУДАНИ У. М. МУСТАФОЕВ

Дар асоси моддаи 109, банди 15-ум ва моддаи 124-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон, инчунин тибқи қарори Шӯрои намояндагони халқи вилояти Ҷиззах, **Улуғбек Мавлонович Мустафоев** ба вазифаи ҳокими вилояти Ҷиззах таъин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон**
**Ш. МИРЗИЁЕВ**

*Шаҳри ТОШКАНД,*
*2 декабри соли 2025*

***Корхонаи «Ифтихор кийим саноат» яке аз калонтарин корхонаҳои вилояти Наманган ба шумор меравад. Дар корхона ҳоло 600 коргар фаъолият бурда, соле ба маблағи 50 миллион доллар маҳсулот истеҳсол мекунанд. Корхона имкони коркарди 20 ҳазор тонна пахтаро дорад. Талабот ба қувваи корӣ бинобар татбиқи лоиҳаҳои нав афзоиш меёбад.***

## ЯРМАРКАИ МЕҲНАТ

Бо ташаббуси ҳокимияти ноҳияи Тӯрақӯрғон дар ин ҷо ярмаркаи меҳнат ташкил карда шуд. Дар ярмарка аз маҳаллаҳо беш аз 300 ҷавон иштирок карданд. Ба онҳо дар корхона 200 ҷойи корӣ аз қабили операторони дастгоҳҳои ресандагӣ, назоратчиёни сифат, дӯзанда ва буррандаҳо пешниҳод карда шуданд.

Ба коргарон шароит ва имкониятҳои васеъ фароҳам оварда шудааст. Музди меҳнат аз 3 миллион сӯм сар шуда, онҳо бо нақлиёт ва хӯроки нисфирӯзӣ таъмин карда мешаванд. Ба ҷавонон мувофиқи анъанаи «Устод-шогирд» ҳунар омӯзонида мешавад.

Дар ҷараёни ярмарка 36 нафар соҳиби ҷойи кор гардиданд.

**Шоҳида ДАМИНОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Наманган.**

## ОБУНА БАРОИ СОЛИ 2026 ИДОМА ДОРАД!

***Хонандагон, ҳаводорон ва алоқамандону муштариёни рӯзномаи номвари «Овози тоҷик»!***

***Шумо тариқи обуна ба рӯзномаи садсолаи «Овози тоҷик» метавонед тамоми сол:***
***- беҳтарин хабару гузоришҳоро аз ҳаёти Ӯзбекистон;***
***- мақолаҳои ҷолибу хонданӣ;***
***- матолиби таҳлилӣ ва танқидӣ;***
***- маълумоти муҳим ва муфиди фарҳангиву адабиро мутолиа намоед.***




**Дӯстони азиз!**
**Ба рӯзномаи дӯстдоштаатон «Овози тоҷик» обуна шуда, дар рушду пешрафт ва боз ҳам хонданитар гардидани он саҳм гузоред!**

***Индекси обуна 170***

***Телефон барои муроҷиат: +998 55 5200336.***

# ҶИЗЗАХ БА МАРКАЗИ НУҚТАҲОИ НАВИ РУШД ТАБДИЛ МЕЁБАД

(Аввалаш дар саҳ.1).

Марказ дар бинои ҳафтошёнаи муосир ҷойгир буда, иқтидори қабули то 400 беморро дар як рӯз дорад. Марказ дорои 344 кати статсионарӣ буда, бо таҷҳизоти нави тиббӣ, аз ҷумла МРТ, МСКТ, маҷмааҳои лабораторӣ ва таҷҳизоти ҷарроҳии баландтехнологӣ ба маблағи беш аз 100 миллиард сӯм муҷаҳҳаз гардидааст.

Дар як маҷмаа ҷойгир шудани поликлиника, радиология, кардиохирургия, нейрохирургия, офталмология ва урология ба раванди хидматрасонии тиббӣ суръат мебахшад, ҳамкории байни шифокорон ва ҳаракати беморонро осон мекунад. Бахусус, туфайли имконоти нав коҳиш ёфтани навбатпоӣ барои амалиётҳои мураккаби баландтехнологӣ муҳимтарин самараи иҷтимоии лоиҳа мебошад.

Дар натиҷаи ба кор даромадани марказ, равуои сокинони Ҷиззах ба беморхонаҳои ҷумҳуриявӣ ё вилоятҳои ҳамсоя 75-80 фоиз кам хоҳад шуд.

Дар кластери тиббӣ бо Донишгоҳи федералии Қазон ҳамкории дарозмуҳлат роҳандозӣ мешавад, ки он барои такмили ихтисоси мутахассисони маҳаллӣ, татбиқсозии усулҳои пешрафтаи ташхис ва табобат, ҳамчунин омӯхтани меъёрҳои муосири тиббӣ имкон фароҳам меорад.

Президент бо масъулон ва кормандони соҳаи тандурустӣ мулоқот намуд.

Роҳбари давлат таъкид кард, ки дар идораи кластерҳои тиббӣ ва клиникаҳои бисёрсоҳа бояд аз усулҳои кӯҳна даст кашида, механизмҳои нав ҷорӣ карда шаванд. Аз ҷумла, зарурати ҷалби коршиносон ва менеҷерони байналмилалӣ барои ҳар як самти тиббӣ ва омода кардани мутахассисони маҳаллӣ дар худи муассисаҳо, такмили ихтисоси онҳо, инчунин, густариши рақамисозӣ ва истифодаи зеҳни сунъӣ зикр гардид. Қайд карда шуд, ки ин бояд таҷрибаи Ҷиззах гардад.

Президент ба масъалаи ризоияти мардум аз хидматрасониҳои тиббӣ диққати махсус дод. Зикр гардид, ки дар ҳама гуна ислоҳот, ки дар соҳа татбиқ мешавад, пеш аз ҳама, қадри инсон бояд дар меҳвар қарор бигирад.

– Мардуми моро на бино ва шароити он, балки сифати хидмат, дониш, таҷриба ва поквиҷдонии шифокор бештар ба ташвиш меорад. Одаме, ки ба беморхона меояд, пеш аз ҳама таваҷҷуҳ ва ташхиси дақиқ, табобати зуду босифат мехоҳад. Аз ин рӯ, вазифаи аз ҳама муҳим офаридани низоми тиббие мебошад, ки ба мардум аз таҳти дил хидмат расонад, мутахассисон дорои таҷрибаи хуб ва салоҳияти бузург бошанд, – гуфт роҳбари давлат.

Дар ҳамин ҷо вохӯрӣ бо омӯзгорон ва донишҷӯёни филиали Донишгоҳи тиббии Қазон дар Ҷиззах баргузор гардид. Аҳамияти зиёд кардани дарсҳои амалӣ дар раванди таълим, пайваста бо дастовардҳои тибби ҷаҳонӣ ва таҷрибаи пешқадам ошно намудани донишҷӯён таъкид карда шуд.

Президентамон дар доираи ташриф ба вилояти Ҷиззах аз маҷмааи корхонаҳои кишоварзии «Агромарказ»-и ноҳияи Шароф Рашидов боздид ба амал овард.

Бо шарофати таваҷҷуҳ, ки дар мамлакат ба рушди кишоварзӣ нигаронида шудааст, имкониятҳои соҳа густариш ёфт ва ин барои афзунсозии ҳосилнокӣ мусоидат намуд. Дар маҳалҳо агромарказҳо таъсис ёфта, хизматрасонии маҷмӯӣ ба фермер ва деҳқонон роҳандозӣ мешавад.

Дар ноҳияи Шароф Рашидови вилояти Ҷиззах низ чунин марказ ба фаъолият шурӯъ кард.

Дар марказ шуъбаҳое чун лабораторияи ҳифзи растаниҳо, дорухонаи ветеринарӣ, машварати агрономӣ, таъминоти тухмӣ ва ниҳол, сохтмони гармхонаҳо барои аҳолӣ, мағозаи агромаркет, фурӯши техникаи хурд ва хизматрасонӣ ба онҳо фаъолият доранд.

Дар ин ҷо тамоми хидматҳои соҳаи кишоварзӣ дар асоси тамоюли «равзанаи ягона» роҳандозӣ шудаанд. Дар ошёнаи якуми марказ, ки дар як гектар майдон ҷойгир аст, мағозаи воситаҳои ҳифзи растаниҳо, дорухонаи ветеринарӣ, мағозаи тухмӣ, агромаркет, утоқҳои бригадаи мобилӣ ва 8 хонаи дигари хидматӣ ҷойгир шудаанд.

Дар ошёнаи дуюм лабораторияи ҳифзи растаниҳо ҷойгир аст. Илова бар ин, хонаҳои таҳлили хок ва об, энтомология ва фитопатология низ таъсис дода шудаанд.

Дар ҳудуди марказ инчунин Садорати кишоварзии вилоят, шуъбаи Агентии рушди агросаноат, агроинспексия, маркази тухмипарварӣ, иттиҳодияи қароқӯлпарварӣ ва дигар ташкилоти хизматрасони соҳаи кишоварзӣ ҷойгиранд.

Роҳбари давлат бо фаъолияти агромарказ шинос шуд, барои густариши минбаъдаи фаъолияти марказ, афзунсозии хидматҳо барои мизоҷон ва эҷоди арзиши иловагӣ дар соҳаи кишоварзӣ тавсияҳо дод.

Баъдан, иҷлосияи ғайринавбатии Шӯрои намояндагони халқи вилояти Ҷиззах баргузор шуд. Дар он Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев иштирок кард.

– Вақте аз як шароити вазнин берун овардани вилоят, тағйироти бузургу созандаро, ки дар ҳар як ноҳияи Ҷиззах ба амал меоянд ва хурсандии мардумро мебинам, дар худ мемолам, ифтихор мекунам, – гуфт роҳбари давлат дар аввали сухан.

Дар давраи гузашта вилояти Ҷиззах дар ҷумҳурӣ ба минтақае табдил ёфт, ки саноаташ босуръат рушд мекунад. Дар ҳашт сол лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба маблағи 6,5 миллиард доллар татбиқ гардиданд, ки 45 фоизи онҳо ба саноат рост меояд. Дар Ҷиззах иқтидори истеҳсоли соле 175 ҳазор автомобил ба вуҷуд омад.

Дар фурсати кӯтоҳ дар ноҳияҳои Зомин, Фориш, Арнасой ва шаҳри Ҷиззах беш аз 500 иншооти сайёҳӣ ва хидматрасонӣ ба маблағи 2 миллиард доллар ба фаъолият шурӯъ карданд. Дар натиҷаи бо арзиши 300 миллион доллар ба кор даромадани минтақаҳои истироҳатӣ дар Арнасой ва Зомин, ки 12 моҳ пурра фаъолият мекунанд ва сохтмони фурудгоҳҳо дар онҳо, Ҷиззах ба яке аз самтҳои ҷолиби сайёҳӣ табдил ёфт.

Ҳашт сол пеш 42 фоизи ҷойҳои кории Ҷиззах ба соҳаи кишоварзӣ рост меомад, имрӯз қариб 310 ҳазор нафар аҳолии вилоят дар соҳаҳои саноат ва хидматрасонии сердаромад кор мекунанд.

Кишоварзии вилоят, ки асосан ба пахтакорӣ мутобиқ шуда буд, комилан диверсификатсия гардид. Ноҳияҳои Бахмал, Ғаллаорол, Зомин, Янгиобод ва Фориш ба боғдорӣ ихтисосонида шуда, 28 ҳазор гектар боғ ва токзори нав бунёд гардиданд. Дар минтақаҳои дашти Мирзачӯл, Дӯстлик, Зафаробод, Зарбдор, Пахтакор ва Арнасой низ дар 12 ҳазор гектар боғ ва майдонҳои сабзавот ташкил шуданд.

Таъкид гардид, ки дар ҳашт соли охир дар маҷмӯъ саноати Ҷиззах аз 2,5 то 25 триллион сӯм, хидматрасонӣ аз 2,5 то 20 триллион ва кишоварзӣ аз 9 то 30 триллион сӯм афзудааст.

– Албатта, ин оғози ислоҳоти бузурги мост. Дар роҳи рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Ҷиззах ҳанӯз кори зиёдро бояд анҷом диҳем, – гуфт Президент.

Дар сессия масъалаи ташкилӣ баррасӣ шуд.

Президент ба мақоми ҳокими вилояти Ҷиззах номзадии Улуғбек Мустафоевро, ки иҷрокунандаи вазифаи ҳоким буд, пешбарӣ намуд. Тибқи натиҷаҳои раъйпурсӣ Улуғбек Мустафоев ҳокими вилояти Ҷиззах тасдиқ гардид.

Роҳбари давлат бобати рушди соҳаҳои саноат, сармоягузорӣ, туризм, кишоварзӣ, сохтмон ва инфрасохтор ташаббусҳои навро пешбарӣ намуд.

Ҳиссаи Ҷиззах дар саноати автомобилсозии ҷумҳурӣ ба 25 фоиз расидааст. Зикр гардид, ки вазифаи навбатӣ инкишоф додани соҳаҳои ҳаммонанд дар атрофи корхонаҳо, баланд бардоштани сатҳи маҳаллисозӣ ва коҳиш додани арзиши аслии маҳсулот мебошад.

Чораҳои дастгирии соҳибкорон: пешниҳод намудани иншооти тайёри истеҳсолӣ бо шартҳои қулай ва ҷуброни 50 фоизи хароҷот барои валидатсияи қисмҳои комплектkунанда муайян карда шуданд.

Дар вилоят лоиҳа оид ба истихроҷи 1 ҳазор тонна волфрам дар як сол амалӣ мешавад. Пас аз ба истифода супоридани лоиҳаҳо дар ноҳияҳои Ғаллаорол ва Нуробод Ӯзбекистон метавонад ба қатори истеҳсолкунандагони пешсафи ҷаҳонии волфрам ворид гардад.

Ба идораҳои масъул супориш дода шуд, ки барои қитъаи умедбахши маъдании тилои Ғаллаорол сармоягузор ҷалб намоянд, корҳои геологӣ-тафтишотиро дар кони сурбу руҳ дар Фориш анҷом диҳанд ва асосноккунии техникӣ-иқтисодии ба кор даровардани кони уран дар ноҳияи Арнасойро омода созанд.

Аз ҳисоби татбиқсозии 30 лоиҳа ба маблағи 510 миллион доллар дар Минтақаи озоди иқтисодии «Ҷиззах» тақрибан ба 10 ҳазор нафар ҷойи кор муҳайё карда шудааст. Дар ин ҷо татбиқ кардани лоиҳаҳо дар ҳаҷми умумии 540 миллион доллар идома доранд. Соҳибкорон хоҳиш намуданд, ки минтақаи саноатӣ бо иқтидори кофии энергетикӣ таъмин карда шавад ва иншооти тозакунӣ бунёд гардад.

Ба Вазорати энергетика супориш дода шудааст, ки ба ин минтақа хати 40-километрии интиқоли барқи баландшиддат гузошта, зеристгоҳи иқтидораш 40 мегаватт бунёд намояд. Дар барномаи рушди инфрасохтори минтақаҳои саноатӣ барои соли 2026 сохтмони иншооти тозакунӣ дар МОИ «Ҷиззах» ба арзиши 100 миллиард сӯм пешбинӣ мешавад.

Барои боло бурдани таъминоти энергетикии саноат дар ҳамин сол 200 мегаватт иқтидор ва соли оянда боз 300 мегаватт таъсис дода мешавад. Илова бар ин, 150 неругоҳи хурд ва НБО-и кучак бо иқтидори умумии 30 мегаватт ба истифода дода мешаванд.

Барои рушди инфрасохтор ва соҳибкорӣ дар соли оянда ба минтақа тақрибан 10 триллион сӯм ҷудо карда мешавад.

Таъкид гардид, ки муттаҳид кардани минтақаҳои кӯҳистонии ноҳияҳои Бахмал ва Зомин ба ҳалқаи ягонаи сайёҳӣ имкон медиҳад садҳо нуқтаҳои хизматрасонӣ роҳандозӣ ва ҳазорҳо нафар бо ҷойи кор таъмин шаванд, содироти хидматрасониҳои сайёҳӣ чандин маротиба афзоиш ёбад. Супориш дода шуд, ки соли оянда таъмири қитъаи 158-километрии роҳ аз ноҳияи Зомин то ноҳияҳои Бахмал, Ғаллаорол оғоз гардад. Ташаббус оид ба таъсис додани кластери сайёҳӣ дар Бахмал дар масоҳати 39 гектар ба маблағи 40 миллион доллар дастгирӣ ёфт. Ба ноҳия мақоми минтақаи сайёҳӣ дода мешавад.

Зарурати бозсозии фурудгоҳи Арнасой барои қабули ҳавопаймоҳои бузург алоҳида таъкид гардид. Илова бар ин, ба кӯли Айдар-Арнасой роҳи оҳан гузаронида мешавад.

Президент ба масъалаҳои кишоварзӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир кард. Зикр гардид, ки аз 900 ҳазор гектар заминҳои лалмӣ ва чарогоҳҳо 110 ҳазор гектар дар захира қарор доранд ва онҳоро метавон барои парвариши зироатҳои хӯроки чорво, равғанӣ ва боғҳои саноатӣ ба гардиш даровард, ки тақрибан 20 ҳазор нафарро бо ҷойи кор таъмин мекунад.

Фермерон ва чорводорони вилоят бо дархост муроҷиат намуданд, ки субсидияҳо барои барқи насосҳо дар аввали моҳ пардохт карда шаванд. Супориш дода шуд, ки чунин низом дар тамоми ҷумҳурӣ ҷорӣ карда шавад.

Ҷиззах бояд ба минтақаи намунавӣ дар рушди картошкапарварӣ табдил ёбад. Аз соли 2026 механизмҳои нави дастгирии картошкапарварон: қарзҳои яксолаи 12-фоиза бо муҳлати имтиёзноки шашмоҳа барои нуриҳо, техника ва сӯзишворӣ; кафолати 50-фоизаи маблағи қарз; ҷуброни нисфи хароҷот бобати насби панелҳои офтобӣ барои насосҳо ҷорӣ мегарданд. Илова бар ин, аз соли оянда 50 фоизи хароҷоти барқ барои насосҳо ҷуброн карда мешавад. Техникаи воридотии кишт ва ҷамъоварии картошка аз пардохти боҷи гумрукӣ озод мегардад.

Ҳамчунин механизми ҷуброни 50 фоизи хароҷот барои нигоҳдории тухмиҳои суперэлита ва элита дар анборҳои яхдонӣ то расонидан ба фермерон ҷорӣ карда мешавад.

Барои боғдорони Бахмал чораҳои иловагии дастгирӣ: қарзҳои имтиёзноки 14-фоиза ба муҳлати 7 сол бо се соли имтиёзӣ барои таъсиси боғҳои интенсивӣ; субсидия барои шпалераҳо аз 20 то 70 ҳазор сӯм пешбинӣ шудаанд. Барои анборҳои яхдонӣ қисми меъёри фоизи қарз – то 8 фоизи меъёри асосӣ – ҷуброн карда мешавад. Ба содиркунандагони маҳсулоти боғдорӣ ва боғпарварон барои пӯшонидани 50 фоизи хароҷоти бастубанд субсидияҳо дода мешаванд.

Дар маҷмӯъ, дар ноҳияи Бахмал мактаби таҷрибаи боғдорӣ ба роҳ монда, ин имтиёзҳо ба тамоми ҷумҳурӣ паҳн карда мешаванд.

Бо ҳамкории шариконии амрикоӣ дар Зомин ноҳияи фабрикаи бузурги парвариши паррандаи зотӣ ташкил карда мешавад, Ин кластер соле 100 ҳазор сар мурғи насли аввал ва 9 миллион тухми инкубатсионӣ истеҳсол хоҳад кард. Ин лоиҳаи нодир соҳаи парандапарварии кишварро ба зинаи нав мебардорад.

Дар муҳокимаи масъалаҳои сохтмон ва инфрасохтор Президент зарурати наздик кардани хизматрасониҳои иҷтимоӣ, бозори меҳнат ва инфрасохторро ба сокинони маҳаллаҳои дурдаст таъкид намуд.

Ба Кумитаи миллии урбанизатсия ва ҳокимияти вилоят супориш дода шуд, ки бо ҷалби коршиносони аврупоӣ нақшаҳои маҳорати рушди шаҳри Ҷиззах ва ноҳияи Шараф Рашидовро ҳамчун агломератсияи ягона таҳия намоянд.

Бо дарназардошти дархостҳои аҳолӣ, барои сабуктар кардани ҳаракати нақлиёт дар Ҷиззах роҳи дигари 10-километрӣ сохта мешавад. Корҳо оид ба бунёди пули нави болои роҳи оҳан байни шаҳраки Даштобод ва ноҳияи Хавос оғоз шудаанд.

– Имрӯз мо бо шумо вазифаҳои нави рушди иҷтимоию иқтисодии вилоятро муайян карда, масъалаҳои асосиро муҳокима намудем. Ҳадафи ягонаи ҳамаи ин талошҳо ва қарорҳое, ки қабул мекунем, таъмини қаноатмандии мардуме мебошад, ки дар ин ҷо зиндагӣ ва кор мекунанд, ҳамчунин минтақаро ба қаламрави ҳамаҷониба рушдёфта табдил додан аст», - таъкид кард роҳбари давлат дар ҷамъбасти ҷаласа.

Дар ҷараёни сессия ҳисоботи ҳокимони вилоят ва ноҳияҳо, инчунин андешаҳои фаъолон шунида шуданд.

Президент Шавкат Мирзиёев бо фаъолияти маҷмааи савдо ва хидматрасонии «Кӯк сарой», воқеъ дар шаҳри Ҷиззах низ шинос шуд.

Дар мамлакат бобати пешбурди хизматрасонии муосир дар соҳаи савдо, фароҳам овардани шароити мусоид барои тиҷорати хурд ва фаъолияти соҳибкорӣ корҳои густурда амалӣ мегарданд.

Маҷмааи «Кӯк сарой», ки дар шаҳри Ҷиззах фаъолият мебарад ва дар майдони 3,5 гектар қад рост кардааст, яке аз бузургтарин иншооти вилоят дар соҳаи савдо ва хидматрасонии маишӣ ба шумор меравад.

Дар ин ҷо беш аз 300 субъекти нави соҳибкорӣ фаъолиятро оғоз кардаанд. Дар натиҷа зиёда аз 800 ҷойи корӣ офарида шуд, аз ҷумла 100 нафар шаҳрванди ниёзманд бо кор таъмин гардиданд.

Дар маҷмаа филиалҳои шабакаҳои калони савдо, 10 бренди бузурги маҳаллӣ ва хориҷӣ кор мебаранд, 250 дукони савдо, фудкорт ва майдончаи кӯдакон ҷойгир аст. Ҳаҷми хидматрасониҳои солона 223 миллиард сӯмро ташкил медиҳад.

Муҳим он аст, ки дар маҷмаа китобхона ва дукони китоб низ ташкил шудааст.

Ҳамчун марҳилаи дуюми лоиҳа бунёди «Экобозор»-и сеошёна, ки ҳазор растаи савдоро фаро гирифта, махсус барои фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ пешбинӣ шудааст, дар назар аст. Дар натиҷа 2 ҳазор ҷойи нави корӣ ташкил мегардад.

Президент бо фаъолияти маҷмаа шинос шуда, бо ҳозирин мулоқоти самимӣ анҷом дод. Зарурати рушди минбаъдаи хидматрасониҳо дар асоси тамоюли маҷмӯӣ, зиёд намудани теъдоди чунин марказҳо дар дигар минтақаҳо таъкид гардид.

Бо ҳамин сафари роҳбари давлатамон ба вилояти Ҷиззах анҷом ёфт.

**Зиёдулло ҶОНИБЕКОВ,**
**Икром АВВАЛБОЕВ,**
**Абдулазиз РУСТАМОВ,**
**мухбирони махсуси ЎзА.**

*8 декабр – Рӯзи қабули Конститутсияси Ҷумҳурии Ӯзбекистон*

# КОНСТИТУТСИЯ – КАФОЛАТИ ҚАДРИ ИНСОН ВА УСТУВОРИИ АДОЛАТ

***Бар асоси фармоиши Роҳбари давлат аз 21 ноябри соли ҷорӣ «Дар бораи омодагӣ ва гузаронидани ҷашни Рӯзи Конститутсияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон», дар кишвари мо санаи қабули Сарқонуни мамлакат бо шиори «Конститутсия – гарави қадри инсон, озодӣ, баробарӣ ва адолат!» таҷлил карда мешавад.***




Муовини раиси Кумитаи оид ба муносибатҳои байналмилалӣ, робитаҳои иқтисодии хориҷӣ, сармоягузориҳои хориҷӣ ва масъалаҳои туризми Сенат Одилҷон Маматкаримов, андешаҳои худро дар бораи Конститутсия баён кард:

– Дар ҳаёти ҳар як давлати мустақил Конститутсия ҳамчун ҳуҷҷати олии ҳуқуқӣ мавқеи махсус дорад. Он на танҳо асоси ҳуқуқии тараққиёти мамлакатро муайян мекунад, балки орзуву умедҳо, арзишҳо ва боварии халқро ба оянда таҷассум менамояд.

Конститутсия – ин танҳо ҳуҷҷати ҳуқуқӣ набуда, балки арзиши маънавиест, ки мардумро муттаҳид мекунад ва дар шаҳрвандон ҳисси масъулиятро барои тақдири Ватан бедор месозад. Он дар баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон ва ташаккули рӯҳи эҳтиром ба қонун нақши муҳим мебозад. Хусусан барои насли ҷавон Конститутсия мактаби демократия, адолат ва ватанпарварист.

Гузашти 33 сол аз қабули Конститутсия барои мардуми мо аҳамияти бузурги таърихӣ ва маънавӣ дорад. Конститутсияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон, ки 8 декабри соли 1992 қабул шуд, яке аз қадамҳои қатъӣ дар роҳи барпо намудани давлати мустақил гардида, пойдевори мустаҳками низоми ҳуқуқии миллӣ шуд. Он барои бунёди давлате, ки бар равандҳои демократӣ асос ёфта, дар он ҳуқуқ ва озодиҳои инсон устуворанд ва волоияти қонун таъмин мегардад, хидмат намуд.

Дар давоми 33 соли сипаришуда Конститутсия асоси боэътимоди ҳуқуқии ислоҳотҳои густурдаи кишвар гардид. Ислоҳот дар соҳаҳои муҳими давлатдорӣ, такмили низоми идораи давлатӣ, рушди институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, таъмини адолат дар соҳаи суду ҳуқуқ – ҳама бар асоси меъёрҳои Конститутсия амалӣ мешаванд.

Хусусан, таҳрири нави Конститутсияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон, ки 30 апрели соли 2023 тавассути раъйпурсӣ қабул гардид, боварии қавии халқро ба ислоҳи ҳаёти давлат ва ҷомеа ва мавқеи фаъоли шаҳрвандиро равшан инъикос намуд. Ин раъйпурсӣ на танҳо навсозии ҳуҷҷати ҳуқуқӣ буд, балки ғояи «Барои қадри инсон»-ро ба сатҳи сиёсати давлатӣ баровард ва баёнгари муколамаи ошкори байни халқ ва давлат гардид.

Таҳрири нави Конститутсия аз рӯи моҳият ва мазмун дорои аҳамияти таърихист. Дар он Ӯзбекистон ҳамчун давлати иҷтимоӣ мустаҳкам карда шуда, масъулияти давлат нисбат ба инсон ва таъмини зиндагии шоистаи ӯ ба таври равшан муайян гардид. Дастгирии аҳолии камбизоат, ҳифзи иҷтимоии шахсони дорои маъюбият, пиронсолон ва ҷавонон ба вазифаи муҳими давлатӣ ба сатҳи меъёри конститутсионӣ табдил ёфт.

Конститутсияи нав ба такмил додани идоракунии давлат, боз ҳам мустаҳкам кардани механизми мувозинат ва боздорандагӣ байни шохаҳои ҳокимият, инчунин афзун намудани нақши назорати ҷамъиятӣ ва институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ хидмат мекунад. Ҳамзамон, барои рушди ошкорбаёнӣ, ҳисобдорӣ ва ташаббускорӣ дар ҷомеа шароити муносиб фароҳам меоварад.

Таҳрири нави Конститутсия марҳалаи нави рушди кишвари моро муайян намуд. Дар он меъёрҳое, ки ислоҳоти иқтисодӣ, муҳити соҳибкорӣ ва сармоягузориро дастгирӣ мекунанд ва барои рушди устувор кафолати ҳуқуқӣ медиҳанд, бештар инъикос ёфтаанд. Ҳамчунин, мустаҳкам гардидани меъёри конститутсионии ҳифзи муҳити зист ва ҳуқуқ ба зиндагӣ дар муҳити солим – инъикоси равшани масъулият нисбат ба тақдири наслҳои оянда мебошад.

Хулоса: Конститутсия ифодаи ҳуқуқии ирода, тафаккур ва эътимоди мардуми мо ба оянда аст. Ин ҳуҷҷати таърихӣ роҳро барои инкишофи давлат ва ҷомеа дар роҳи бунёди Ӯзбекистони Нав ҳамвор месозад ва қадри инсонро ҳамчун меъёри олии зиндагӣ муайян мекунад.

Конститутсия дар тӯли асрҳо ба халқи мо хидмат мекунад ва ҳамчун дастури боэътимод дар роҳи адолат ва тараққиёт боқӣ хоҳад монд. Пайравӣ ба он ва татбиқи принсипҳои дар он муқаррар гардида — вазифаи муқаддаси ҳар қадоми мост.

Суҳбатнигор
**Норгул АБДУРАИМОВА,**
**мухбири ЎзА.**

# ҲАР ГУНА ФИШОРУ ЗӮРОВАРӢ АЛАЙҲИ ЗАН ҶИНОЯТ АСТ

***Дар вилояти Фарғона барои пешгирӣ аз шиканҷаву зӯроварӣ нисбати занону духтарон чорабиниҳои муфид анҷом дода мешаванд.***
***Маъракаи ҷаҳонии «16 рӯзи фаъол алайҳи зӯроварии гендерӣ», ки мувофиқи қарори СММ аз соли 1999 дар робита ба Рӯзи байналмилалии мубориза бо зӯроварӣ нисбати занон баргузор мегардад, дар саросари вилоят ҳамовозии гарму ҷӯшон пайдо намуд. Дар он роҳбарони масъули Департаменти оила ва занон ва шарикони доимии он аз шаҳру ноҳияҳо иштирок карданд.***

Муовини ҳокими вилоят Комила Кавлонова дар бораи он ҳарф зад, ки солҳои охир мубориза бо зӯроварӣ нисбати занон дар кишвари мо на танҳо дар доираи қонунгузорӣ, балки дар амалия низ фаъолтар шудааст.

Қобили қайд аст, ки бо садорати оила ва занону духтарон намояндагони раёсати корҳои дохилӣ, адлия ва ташкилотҳои шарик низ дар ин чорабиниҳо фаъолияти хуб нишон додаанд. Онҳо таъкид намудаанд, ки баргузории чорабиниҳо оид ба эҳтироми занон, аз қабили дахлнопазирии шаъну шарафи инсон, пешгирӣ аз табъиз, шиканҷа, зӯроварӣ, дигар муносибатҳо, мисли ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунанда ғайр аз ҷиноят чизи дигар нест.

– Мо ҳамаи чорабиниҳоро дар чаҳор марҳила баргузор намудем. Марҳилаи аввал – дар доираи чорабиниҳое, ки таҳти шиори «Оилаи солим –ояндаи кишвар» баргузор шуданд, ки ба беҳтар кардани саломатии модару кӯдак, ҳолати рӯҳии онҳо нигаронида шудааст. Марҳилаи дуюм таҳти шиори «Кӯдакии хушбахт» унвон гирифта, ба масъалаҳои маънавӣ ва таълимии кӯдак нигаронда шудааст, – мегӯяд Комила Кавлонова.

– Марҳилаи сеюм таҳти шиори «Ба занон хушбахтӣ ва муҳаббат ато кунед» сурат гирифта, ба ҳифзи манфиатҳои ҳуқуқӣ, иҷтимоиву иқтисодии занон, марҳилаи чорум таҳти шиори «Хотима ба зӯроварӣ» гузаронида шуд ва афроде, ки зӯроварӣ кардаанд ё ба зӯроварӣ майл доранд, мавриди омӯзиш ва корбарӣ қарор дода шуданд.

Маълум шуд, ки маъракаи ҷаҳонии «16 рӯзи фаъолият алайҳи зӯроварии ҷинсӣ» ҳамаро ба ҳамкорӣ ва ташаббус дар мубориза бо зӯроварӣ даъват кардааст. Аз ҷумла, дар ноҳияи Фарғона дар пешируйии «Рӯзи байналмилалии мубориза бо зӯроварӣ нисбати занон» чорабиние таҳти шиори «Биёед, ба зӯроварӣ нисбати занон хотима мегузорем!» роҳандозӣ шудааст.

Як нуктаи ҷолиб аз ҳамин иборат аст, ки дар чорабиниҳо намоиши навор ва аксҳои бахшида ба корҳое сурат гирифтааст, ки барои мубориза бо зулм ва зӯроварӣ нисбати занон анҷом дода шудаанд. Боз як иқдоми наҷиби дастандаркорони Садорати оила ва занону духтарон баргузории конфронси доманфарох таҳти унвони «Мо зидди талоқ ҳастем. Ин шарти хушбахтӣ аст!» мебошад.

Он бо иштироки намояндагони суди вилоят, раёсатҳои вилоятии адлия, тандурустӣ, таълими томактабӣ ва мактабӣ, корҳои дохилӣ, маҳаллаҳо, инчунин имом-хатибон ва сархатибони вилоят ба вуқӯъ пайвастааст.

Чорабинӣ масъалаҳои зиёдеро дар меҳвари баррасӣ қарор додааст.

Дарвоқеъ, коршиносон низ ба ин назаранд, ки ҳар гуна зӯроварӣ ва шиканҷа, бераҳмӣ ва лату кӯби занону духтарон иллати ногувор аст ва он набояд дар ҷомеаи мо ҷой дошта бошад. Зеро мамлакати мо бар асоси арзишҳое тарраққӣ меёбад, ки аз гузаштагон ба мо мерос мондаанд.

– Ҳар фарде, ки ситамкорӣ бо занонро раво мебинад, бояд ба маҳкама кашида шавад. Дар он сурат дигарон панд мегиранд ва аз даст задан ба чунин корҳои нораво парҳез мекунанд, – мегӯяд коршиноси масъалаҳои иҷтимоӣ Шамсиддин Зиёвиддинов.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**хабарниори**
**«Овози тоҷик».**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

Одаму либос – хонаву палос

# ФАРҲАНГИ МИЛЛӢ – ПОЯИ ҲАСТИИ МИЛЛАТ

**_Фарҳанги миллӣ оинаи равшани таъриху ҳастии ҳар миллат аст. Он на танҳо маҷмӯи анъанаҳои қадима аст, балки пули иртиботи миёни гузашта, имрӯз ва ояндаи ҷомеа мебошад._**



Фарҳанги миллӣ маҷмӯаи унсурҳои модӣ ва ғайримодии зиндагии инсонро дар бар мегирад. Ин унсурҳо забон, адабиёт, анъана, урфу одат, мусиқӣ, рақс, меъморӣ, ҳунарҳои мардумӣ ва арзишҳои ахлоқиро фаро мегиранд. Вобаста ба шароити таърихиву ҷуғрофӣ ҳар миллат фарҳанги хоси хешро офаридааст, ки аз якдигар фарқ мекунад.

Халқи мо, ки аз қадим бо маърифат, суханварӣ ва ҳунарҳои нодир шуҳрат пайдо кардааст, фарҳанги ғанию рангоранг дорад. Анъанаҳои миллӣ ва урфу одатҳо ҷузъи муҳими зиндагии мардум буда, таҷрибаи ниёконро инъикос менамоянд ва ба тарзи зиндагии имрӯза таъсир мегузоранд. Ҷашну маросимҳо – Наврӯз, Меҳргон, Сада, маросимҳои тӯй ва дигар расму оин – на танҳо хотираи таърихиро зинда нигоҳ медоранд, балки василаи таҳкими ҳамбастагӣ ва эҳтироми арзишҳои миллӣ мебошанд.

Имрӯз, дар шароите, ки ҷаҳонишавӣ ба ҳамаи ҷабҳаҳои зиндагӣ таъсир мегузорад, ҳифз ва рушди фарҳанги миллӣ масъулияти ҳар шаҳрванди кишвар аст. Шиносоии насли нав бо арзишҳои миллӣ барои онҳо на танҳо як сабақи таърихӣ, балки сармояи маънавиест, ки ба ташаккули шахсияти худшинос ва қавиирода мусоидат мекунад.

Дар баробари пешрафти технология ва васоити муосири иртиботӣ дари ҷаҳони нав ба рӯйи миллатҳо бозтар шудааст. Ин раванд имкони муаррифии фарҳанги миллии моро ба ҷаҳониён фароҳам меорад, аммо ҳамзамон хатари камранг шудани анъанаҳои миллӣ низ вуҷуд дорад. Аз ин рӯ, ҷомеа, бахусус ҷавонон, бояд дар ҳифз ва эҳтироми арзишҳои миллӣ фаъол бошанд. Ҷомеаи муосир бояд баробари қабули навгониҳо, решаҳои худро низ пос дорад.

Ҳунарҳои мардумӣ, ба мисли зардӯзӣ, чакандӯзӣ, кӯрпадӯзӣ, атласбофӣ, заргарӣ, кулолгарӣ ва чӯбтарошӣ, ки имрӯз низ рушд доранд, нишонаи зебоиофарӣ ва завқи баланди миллати мо мебошанд. Масалан, ба зардӯзии Бухоро, адрасу атласи Марғелон ва тоқиҳои Чуст дар намоишгоҳҳои байналмилалӣ арҷ мегузоранд. Либосҳои миллӣ имрӯз на танҳо дар маросимҳо, балки дар ҳаёти ҳаррӯза низ мавриди истифода қарор мегиранд.



Бесабаб нест, ки бо мақсади таҳкими рӯҳияи миллӣ ва қадршиносии арзишҳои суннатӣ дар кишвари мо чорабиниҳои гуногун баргузор мешаванд. Ҳар рӯзи ҷумъаи ҳафта дар саросари кишваramон ҳамчун «Рӯзи либоси миллӣ» эълон гардид, ки ҳадаф аз он тарғиби минбаъдаи арзишҳои миллӣ, ҳифзи суннатҳо ва ба зиндагии имрӯза ворид намудани либосҳои миллӣ мебошад. Кормандони идораву ташкилотҳо ва мақомоти маҳаллӣ дар ин маърака фаъолона иштирок мекунанд. Либосҳои аз атласу адрас дӯхташуда, тоқӣ ва дигар сару либосҳои миллӣ дар баробари зебоӣ, мероси бойи фарҳангии халқамонро таҷассум менамоянд.

Дар нақлиёти ҷамъиятӣ, метро ва истгоҳҳо бо шиори «Либоси миллӣ – оинаи маънавият» аксу наворҳои тарғиботии миллӣ намоиш дода мешаванд. Рӯзи либосҳои миллӣ на танҳо як иқдоми рамзӣ, балки василаи худшиносӣ ва эҳтироми фарҳанги аҷдодӣ мебошад.

– Либоси миллии ҳар як миллат рамзи эҳтиром ва хоксорист. Либосҳои аз атласу адрас дӯхташуда покӣ ва зебоии табииро ифода мекунанд. Имрӯз омезиши унсурҳои миллӣ бо тарроҳии муосир дар сатҳи байналмилалӣ эътироф шудаст, ки далели тавоноии фарҳанги мост, – мегӯяд соҳибкор Матлуба Бозорова, ки дар ноҳияи Косонсой ба ҳунари гулдӯзӣ машғул аст.

– Оила мактаби шараф ва нигаҳдорандаи аслии фарҳанг аст. Агар дар оила анъанаҳо зинда нигоҳ дошта нашаванд, кӯдакон бо афсонаҳо ва бозичаҳои миллӣ камтар ошно мегарданд ва эҳтимол дорад зери таъсири фарҳангҳои бегона қарор гиранд – таъкид мекунад фаъоли маҳаллаи «Гулбоғ»-и ноҳия Марғуба Муҳаммадҷонова.

Гарчанде муассисаҳои фарҳангӣ ва мактабҳо нақши муҳим доранд, аммо асоситарин такъягоҳи анъанаҳо то имрӯз оила боқӣ мондааст. Забони модарӣ, эҳтироми калонсолон, урфу одат ва суннатҳои миллии мо аз оила сарчашма мегирад. Оилаи солим метавонад ҷавононро аз таъсири манфии фарҳангҳои бегона ҳифз кунад ва зеҳни солими фарҳангиро ташаккул диҳад.

Фарҳанги миллӣ сармояи маънавии миллат аст. Он бо решаҳои амиқи худ аз гузашта нерӯ гирифта, ба имрӯз ва ояндаи ҷомеа равшанӣ мебахшад. Ҳифз ва рушди он, омӯзиш ва тарғиби арзишҳои миллӣ вазифаи ҳар як фарди ҷомеа мебошад. Танҳо бо пос доштани фарҳанги миллӣ метавонем ҳувияти худро ҳифз намоем ва ба пешрафти ҷомеа саҳми арзанда гузорем.

**Мағфират МАМАҶОНОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

*Вилояти НАМАНГОН.*

Нуқтаи назар

# ЗАБОН БАРОИ МАРДУМ ХИДМАТ МЕКУНАД, Ё...

**_Дар ҷомеаи имрӯза мо ҷараёнеро мушоҳида мекунем, ки забони адабии тоҷик аз забони гуфтугӯии мардум торафт дур мегардад. Дар китоб, рӯзнома ва ҳатто барномаҳои телевизионӣ калимаҳои душворфаҳм бисёр истифода мешаванд. Ҳатто баъзе одамоне, ки маълумоти олӣ доранд, маънои баъзе калимаҳоро намефаҳманд ва ноилоҷ луғату фарҳангро ба даст мегиранд._**

Сад афсӯс, ки баъзе ҳамзабонони мо аз сабаби душвор шудани забони модарӣ, ба забонҳои осонфаҳм рӯ меоранд. Барномаҳои телевизиону радиоро ҳам ба забонҳои ғайр тамошо карда, мешунаванд, китобу рӯзномаҳоро низ аз рӯйи ҳамин омил интихоб менамоянд. Ҳатто фарзандони худро ба мактабҳое медиҳанд, ки таълим бо дигар забон аст. Бояд гуфт, ки ин як ҳолати хеле ташвишовар мебошад.

Дар ин маврид саволе пайдо мешавад: «Оё забон барои мардум хизмат мекунад, ё мардум барои пойдор мондани забон?»

Ин савол дар назари аввал хеле сода аст, аммо дар замони имрӯз ҷавоби он муҳим мебошад.

Албатта, забон бояд зебо, равон ва фаҳмо бошад. Хуб, забон кай зебо мешавад? Вақте ки мардум онро пурра мефаҳманд, бо он бе ягон мушкил сухан мекунанд, онро як қисми муҳими рӯзгори худ медонанд. Забон набояд дар миёни мардум девор пайдо кунад. Яъне деворе аз калимаҳои мушкилу душворфаҳм. Он бояд воситаи гуфтугӯ, пайвандгари дилҳо бошад.

Устодони бузурги сухан Садриддин Айнӣ, Ҷалол Икромӣ, Сотим Улуғзода, Мирзо Турсунзода, Абдусалом Деҳотӣ, Боқӣ Раҳимзода, Лоиқ Шералӣ, Муъмин Қаноат, Бозор Собир ва дигар шоиру нависандагон асарҳои худро бо чунин як забони равон, пурмаъно ва барои ҳама фаҳмо эҷод кардаанд.

Забони онҳо ҳам фаҳмову равон буд, ҳам бадеияту самимият дошт.

Афсӯс, ки имрӯз аксар воситаҳои ахбори оммавии тоҷикии Ӯзбекистон низ аз калимаҳои душворфаҳм зиёд истифода мебаранд. Гоҳе вақти хондани онҳо калимаҳое вомехӯранд, ки ягон бор нашунидаем ва маънояшро ҳам намедонем. Азбаски ҳоло аксар камҳавсала шудаанд, намехоҳанд маънои онро кобанду ёбанд. Аз ин рӯ, оҳиста китоб ё рӯзномаи дасти худро дар канор мегузоранду халос. Агар гӯем, ки ин омил завқу шавқи мардумро ба хондан кам кардааст, хато намешавад.

Ғайр аз ин, аз сабаби мураккаб шудани забони адабӣ, аксар сухан гуфтанро бо шеваи худ беҳтар мешуморанд. Барои ҳамин вақте ба саҳифаҳои интернет медароем, дар он ҷо навиштаҳои пур аз хаторо мебинем. Аксар бо шева менависанд, ба қоидаҳои имло риоя намекунанд.

Дар забони гуфтугӯии халқ бӯйи зиндагӣ, меҳри мардум ва хотираи гузаштагон ниҳон аст. Калимаҳои халқӣ, гарчанд содаву кӯтоҳанд, ҳар яке маънову мазмуни хос доранд.

Мо забонро ба як хона монанд карданамон мумкин. Агар калимаҳои одӣ, равон ва фаҳмои онро аз ин хона берун кунем, даруни он хунуку бефайз мешавад. Яъне як калимаи халқӣ бо вуҷуди содагии худ нарм садо дода, ба дилу дидаҳо роҳ меёбад.

Пас, мо чӣ кор кунем, ки забони модарии мо зебоии асили худро аз даст надиҳад?

Фикр мекунам, барои ин як кори сода, вале муҳимро иҷро кунем кифоя: ба забони зиндаи мардум наздик кардани забони адабӣ. Мо бо ин кор аз забони адабӣ дур нашудаву зебоии онро аз даст надода, забонро осонфаҳм карданамон мумкин аст.

Забони модарӣ бояд дар хона, кӯча, мактаб ва ҳам дар китобу рӯзномаҳо ҳамеша равон, фаҳмо ва якхела бошад.

Пойдории миллат аз пойдории забон вобаста мебошад. Агар имрӯз ба ин масъала аҳамият надиҳем, фардо аҷаб нест, ки тақдири забони лотинӣ ба сари забони модарии мо ҳам ояд: зебо, вале беҷон — танҳо дар китоб, бидуни гӯянда.

Дар нимаи аввали асри гузашта, бо роҳбарии аввалин Президенти Академияи фанҳои Тоҷикистон, асосгузори адабиёти муосири тоҷик Садриддин Айнӣ, барои он ки мардум зудтар савод омӯзанд, забони китобӣ ба забони гуфтугӯӣ наздик карда шуд. Мардум бо ҳамон забон менавиштанд. Айнан дар ҳамин солҳо асарҳои бузург офарида шуданд, ки дар ҷаҳон эътироф гардида, имрӯз ҳам қимат доранд. Мо бояд ин анъанаро аз нав ба роҳ монем ва давом диҳем. Зеро дар замири ҳар як калимаи забони модарӣ порае аз дилу рӯҳи мо ниҳон аст.

Агар мо калимаҳои равону халқии худро фаромӯш кунем, як пора аз вуҷуди худро аз даст хоҳем дод.

Хонандагони азиз! Шумо дар ин бора чӣ фикр доред?

**Муқимҷон ОРИФӢ,**
**роҳбари Хона-музейи Ориф Гулхании Самарқандӣ.**

*САМАРҚАНД.*

3 декабр – Рӯзи байналмилалии маъюбон

# БО ЧАШМИ ДИЛ

**_Ба ин муносибат мусоҳиба бо раиси Ҷамъияти нобиноёни ноҳияи Самарқанд Манучеҳр ҶУМЪАЕВ пешкаши хонандагон мегардад._**



– **Нахуст дар бораи роҳи тайкардаатон чанд сухан мегуфтед...**

– Камина зодаву парвардаи маҳаллаи Андиҷонӣ ҳастам. Мактаби махсуси нобиноёни рақами 59-уми шаҳри Самарқандро хатм кардаам. Сипас факултаи филологияи Донишгоҳи давлатии Самарқандро ба поён расондам. Чанд сол дар мактаби рақами 39-ум ҳамчун муаллими синфҳои махсуси нобиноён кор кардам. Ҳоло роҳбарии Ҷамъияти нобиноёни ноҳияро дар уҳда дорам. Барои ман ин вазифа, пеш аз ҳама, хидмат ба одамони мисли худам нобино аст.

Мо 159 нафар аъзо дорем. Ҳар кас мушкилеву ниёзе дорад. Ман кӯшиш мекунам, ки ҳар як узви ҷамъият эҳсос кунад, ки ӯ танҳо нест. Аз беморони бистарӣ бо тухфаҳои рамзӣ хабар мегирем. Як сухани меҳрубонона, як таваҷҷуҳи хурд метавонад рӯҳи инсонро бардорад, ӯро хурсанд кунад.

– **Чӣ гуна имкониятҳои фарҳангию маърифатӣ доред?**

– Дар Маркази ахбору китобхона бо эҷодкорон суҳбат ва тақдимоти китоб баргузор мекунем. Бахшида ба санаҳои муҳим тадбирҳои гуногун мегузаронем. Ин чорабиниҳо барои нобиноён хеле муҳиманд, ҷаҳонбиниашон васеъ мешавад, худро як қисми ҷомеа эҳсос мекунанд.

– **Чӣ дастовардҳо доред?**

– Ду нафари узви мо – Рустам Нарзиев ва Ориф Лутфиев алҳол дар докторантура таҳсил доранд. Ғайрат Рустамов ва Ҳомид Қуддусов бошанд, сарояндагони хубанд, дар мактаб ва боғча аз мусиқӣ дарс медиҳанд.

– Бояд гуфт, ки солҳои охир барои шахсони имконияти ҷисмониашон маҳдуд қонун ва барномаҳои хуб роҳандозӣ шудаанд. Мо дастгирии давлат ва мақомоти ноҳиявиро хуб эҳсос мекунем. Онҳо ба ҳар як мурожиату дархости мо эътибор медиҳанд ва роҳҳои ҳалли онро меёбанд. Алҳол шароити зиндагӣ ва кор нисбат ба солҳои пеш беҳтар шудааст, ки барои ин сипосгузорем. Танҳо мехостам бигӯям, ки бинои ҷамъият чандон мувофиқ нест. Хонае, ки барои он ҷудо шудааст, ҳамагӣ 2,5 ба 7 метр буда, тиреза надорад, торик аст, ҳаво намерасад. Деворҳо таъмиртalaбанд, шароит барои баргузории ҷамъомад ё машваратҳо басе маҳдуд мебошад. Мо ин ҳамаро бо чашми дил эҳсос мекунем. Умед ва бовар дорем, ки бинои ҷамъият ба шароити рӯзгори мо мувофиқ мешавад.

– **Дар бораи хайру эҳсон чӣ назар доред?**

– Баъзан дилам зиқ мешавад. Одамон хайрашонро бештар ба хонаҳои меҳрубонии кӯдакон ё пирон мебаранд. Ин кори нек аст, аммо онҳое, ки дар хонаводаҳои одӣ зиндагӣ доранд ва бо амри тақдир маъюб шудаанд, ҳамеша интизори таваҷҷуҳ мемонанд. Баъзан онҳоро аз ёд мебароранд. Ҳол он ки туҳфаи хурд ҳам барои аъзои мо рамзи эътибор ва эҳтиром аст.

– **Шумо оиладор ҳастед. Оё ин масъулияти вазнин якҷо бо оила шуморо хаста намекунад?**

– Не. Оила бароям қуввати рӯҳист. Ҳамроҳи ҳамсарам, дӯзандаи моҳир Шаҳло Азизова ва ду фарзанд – Ҷавоҳир ва Паричеҳраро ба воя мерасонем. Вақте дар хона муҳаббат ҳаст, инсон дар ҷомеа низ худро қавӣ эҳсос мекунад.

Аксарияти шахсони имкониятashон маҳдуд дорои қобилиятҳои бузург мебошанд. Танҳо каме таваҷҷӯҳу дастгирӣ ва эътибор зарур аст. Мо мехоҳем, ки ҳар узви ҷамъиятамон дар ҷомеа мавқеъ пайдо кунад ва аз он дар канор набошад.

– **Барои суҳбат ташаккур!**

Мусоҳиб
**Дилрабо НАСИМӢ.**

*Вилояти САМАРҚАНД.*

# ҶАМЪИЯТИ НОГИРОЁНИ ВИЛОЯТИ БУХОРО ЧӢ МУШКИЛ ДОРАД?

**_Ҷамъияти ногироёни вилоят дар ошёнаи сеюми бинои бисёрошёнаи рақами 4-и кӯчаи Садриддин Айнии шаҳри Бухоро воқеъ гардидааст. Вақте ки мо он ҷо расидем, раиси шуъбаи ҳудудии ҷамъият Мирсаид Неъматов ва корманди соҳа Алфия Танташеваро саргарми кор дидем._**
**_Мирсаид Неъматов баъди хатми мактаби миёна дар трести сохтмони 163-юми шаҳр чун коргари оддӣ фаъолият оғоз намуда, дар вазифаҳои гуногун кор кардааст._**
**_Баъди хатми мактаби олии ҳизбии Тошканд дар комиҷроияи шаҳр фаъолият нишон дода, борҳо намояндаи халқ интихоб гаштааст. Ӯ корманди пуртаҷрибаи шуъбаҳои шаҳрӣ ва вилоятии Ҷамъияти ногироёни Ӯзбекистон буд, аз соли 2007 ин инҷониб раиси шуъбаи зикршуда мебошад._**



– Аз оғози соли 2023 аз ҳисоби бахши вилоятии Фонди ҷамоатии дастгирӣ намудани институтҳои ҷамъияти шаҳрвандии назди Олий Маҷлис субсидия мегирифтагӣ шудем – мегӯяд мусоҳиби мо.

– **Ҳоло низоми кори кормандони соҳаи шумо чӣ гуна аст?**

– Шуъбаи ҳудудии вилоят дар шаҳру ноҳияҳо 12-то бахш дорад. Шуъбаи ҳудудии вилоят 4 нафар, бахшҳои шаҳру ноҳияҳо дутогӣ ходимро муттаҳид кардааст.

– **Дар бораи мақсад ва вазифаҳои ҷамъиятии ногироён маълумот медодед.**

– Фаъолияти асосии ҷамъияти ногироён аз фароҳам овардани имконияти якхела ба аъзоёни шуъба, ногироён, кӯмакрасонӣ ба иштироки фаъоли онҳо ба ҳаёти иҷтимоӣ, ба қадри ҳол ба меҳнат ҷалб кардани эшон, мададрасонӣ ба масъалаҳои маишӣ ва ҳифзи ҳуқуқи онҳо иборат аст.

Дар вилояти мо низ бобати ҳифзи иҷтимоии ногироён, дастгирии ҳаматарафаи онҳо корҳои зиёд ба сомон расиданд.

Ба мақсади ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои ногироён ба онҳо дар соҳаҳои гуногун имтиёз ва сабукиҳо дода шуданд. Дар давоми нӯҳ моҳи сипаришуда шуъбаи ҳудудӣ ва бахшҳои он барои таъмини иҷрои вазифаҳои дар низом таъкидёфта якҷо бо раисони ҷамоатҳои шаҳрвандони маҳаллаҳои шаҳру ноҳия маъюбонро ба қайд мегиранд.

Бояд таъкид намуд, ки ҳоло дар вилоят 52 ҳазор нафар маълул будубош доранд. Мувофиқи ҷадвал шумора, вазъи оилавӣ, гурӯҳ, бачагони ноболиғи ногирое, ки дар шароити хона таълим мегиранд, бо кор таъминшавӣ, маъюбони бистарӣ ва ғайра омӯхта мешаванд.

– **3-декабр Рӯзи байналмилалии ногироён аст. Ид муборак бошад!**

– Ташаккур!

– **Шумо, ки таҷрибаи зиёди корӣ доред, байни дирӯз ва имрӯзи кор бо маъюбон чӣ тавофут мебинед?**

– Тавре дар оғози суҳбат гуфтам, то қарибиҳо кори мо характери ҷамоатӣ дошт. Ҳоло ҳам эътибор, ҳам масъулият афзудааст. Бояд эътироф намуд, ки имрӯз дар мамлакатамон масъалаи гиромидошти қадри инсон аҳамияти аввалиндараҷа пайдо карда, ғамхориҳои давлат беш аз пеш афзудааст. Агар аз хусуси кор бо маълӯлон ҳарф занем, имрӯз ҷамъияти ногироён такъягоҳи ягона нест. Вай ташкилоти нодавлатию нотиҷоратист. Солҳои охир Агентии ҳифзи иҷтимоӣ, «Инсон» барин сохторҳои нав арзи вуҷуд карданд, ки баҳри манфиати инсон хидмат мекунанд. Аз ин рӯ, мо танҳо нестем, шарикони ҳаммаслак ва ҳамкор дорем. Корхонаҳои давлатӣ, ҳокимиятҳо мададгори моянд.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**

*Дар мавзӯи муҳим*

# МАКТАБЕ, КИ ТОЛОРИ ВАРЗИШӢ НАДОРАД

***Чанде пеш ба таҳририяти рӯзнома аз номи волидон ва гурӯҳи омӯзгорону донишомӯзони мактаби таълими умумии рақами 67-уми ноҳияи Китоби вилояти Қашқадарё номае дастрас шуд.***



## «БУЗАКАМ НАМУР, КИ БАҲОР МЕОЯД...»

*«Ман Орзуев Маҳкамтош, омӯзгори собиқи мактаб ҳастам. Синнам дар 73 аст. Соли 1960 ба синфи якум қабул шуда, соли 1970 мактабро хатм кардам. Дар давоми даҳ сол фанни тарбияи ҷисмониро омӯхтем, аммо вақти хатм тӯпҳои футбол, волейбол, баскетбол, гандбол ва дигарашро аз ҳам фарқ карда наметавонистам. Пас аз хатми мактаб дар омӯзишгоҳу мактаби олӣ хондам. Азбаски дар мактаб ягон намуди варзишро наомӯхта будам, то ҳол ба спорт завқу шавқ надорам. Фақат тавассути шабакаҳои телевизионӣ мусобиқаҳои варзиширо тамошо мекунам ва ба ғолибу ҷоизадорони олимпиадаву чемпионатҳо бо чашми ҳавас менигарам.*

*Бояд гуфт, ки пас аз соҳибистиқлол гардидани Ватанамон эътибор ба соҳаи спорт хеле беҳтар шуд. Аммо барои фарзандони мо ягон чиз тағйир наёфт: ҳоло ҳам монанди ҳамон солҳоест, ки ман мехондам. Охир фарзандони мо ҳам чун миллионҳо нафар хонандагони дигар дар дил орзую ҳавас доранд. Мехоҳанд дар мусобиқаҳои варзишӣ иштирок кунанд. Афсӯс, ки аз сабаби вуҷуд надоштани майдон ва толори варзишӣ наметавонанд бо спорт машғул шаванд. Мо аз номи маъмурияти мактаб ва падару модарон борҳо ба ташкилотҳои дахлдор муроҷиат кардем, аммо ҳеҷ кас ба доди мо намерасад. Фақат ба мазмуни «бузакам намур, ки баҳор меояд» ҷавоб медиҳанд. «Ба барнома гузоштем, албатта мешавад», мегӯянд.*

*Аз Шумо, кормандони рӯзнома хоҳиш мекунем, ки илтимоси мо – омӯзгорон, падару модарон, мӯйсафедон ва хонандагонро ба инобат гирифта, барои ҳалли мушкили мо – бунёди толори варзишӣ дар мактаб кумак расонед, то фарзандони мо сиҳату саломат ва аз лиҳози ҷисмонӣ пурқувват ба камол расанд. Аз байни онҳо ҳам чемпионҳо, парчамбардорони Ватан бароянд.*

*Ин хоҳиши деринаи сокинони деҳаи Ҷавзро ба ташкилотҳои мутасаддӣ расонида, барои ҷомаи амал пӯшондани орзуи мо ёрӣ расонед».*

Ин матни нома буд, ки бо андак таҳрир овардем. Дар поёни он омӯзгорони собиқадор, муаллимон ва 34 нафар донишомӯзони мактаб имзо гузошта буданд.

Вақте ному насаби хонандагонро, ки аз синфҳои гуногун буданд, як-як мехондам ва ба имзои онҳо менигаристам, беихтиёр як эҳсоси ғамангез вуҷудамро фаро гирифт. Ба худ савол додам: онҳо вақте дар хат имзо мегузоштанд, чӣ гуна ҳолат, рӯҳия ва дар дил чӣ ҳиссе доштанд? Аҷаб нест, ки дар он ҳангом дар умқи дилашон шуълаи хурди умед ва боварӣ ба ҳаллу фасли ин мушкил ва сохта шудани толори замонавии варзишӣ дар мактабашон ҷилва мезад. Ва маҳз ба хотири он ки ин шуълаи умед дар дилҳои наврасон хомӯш нашавад, қарор кардем, то ин мавзӯъро пайгирӣ намоем.

## МУШКИЛ КАЙ ҲАЛ МЕШАВАД?

Мактаби таълими умумии рақами 67-ум дар деҳаи Ҷавзи ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Кӯҳсор»-и ноҳияи Китоб ҷойгир аст. Маҳалла деҳаҳои Матмон, Ҷавз, Аспидухтар, Шут ва Деҳнавиболоро дар ихтиёр дорад, ки дар фосилаи то 25 километр ҷойгиранд.

Мактаби мазкур соли 2012 бунёд гардида, барои 180 нафар пешбинӣ шудааст. Ҳоло дар ин маскани таълим 278 нафар донишомӯз дар ду баст таҳсил мекунанд. Мутаассифона, дар мактаб то ҳол толори варзишӣ сохта нашудааст.

Бачаҳо дар рӯзҳои гарму офтобӣ дар майдончаи хурд, вайрона ва назарногири назди мактаб бо варзиш машғул мешаванд. Аммо баробари оғози мавсими боришот ва сард шудани ҳаво ин ғайриимкон мегардад. Азбаски ҳавои кӯҳистон серборишу сардтар аст, хонандагон қисми асосии дарсҳоро ноилоҷ дар синфхонаҳо мегузаранд.

Бо вуҷуди ин камбудӣ ва мушкилиҳо, шогирдони мактаб дар мусобиқаҳои варзишӣ фаъол иштирок мекунанд, ҷойҳои ифтихориро ба даст меоранд. Аз ҷумла, чанде пеш дастаи волейболбозони мактаб дар зинаи ибтидоии мусобиқаи варзишии «Лигаи мактаб» ҷойи якум ва дар марҳилаи ноҳиявӣ ҷойи дувумро ба даст оварданд. Инчунин, шогирди мактаб Баракатуллоҳ Луқмонҷонов дар зинаи ибтидоии мусобиқа дар доираи «Олимпиадаи панҷ ташаббус» аз шоҳмот мақоми якумро соҳиб шуд.



## ИСЛОҲОТУ КОМЁБИҲО ЗИЁДАНД, АММО...

Дар ҳақиқат, ҳар як падару модар мехоҳанд, ки фарзандонашон соҳиби дониши мустаҳкам, хӯю хислати накӯву писандида ва ҳамзамон аз лиҳози ҷисмонӣ солиму бардам бошанд. Ба ин маъно роҳбари давлат Шавкат Мирзиёев низ барҳақ гуфтаанд, ки «Орзую нияти ҳар як инсон, ҳар як падару модар тарбияи насли аз лиҳози ҷисмонӣ ва маънавӣ баркамол аст. Ва бидуни тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ба ин наметавон ноил шуд».

Маҳз бо ҳамин мақсад тӯли солҳои охир таҳти ташаббус ва роҳнамоии сарвари давлат бобати оммавӣ намудани навъҳои гуногуни варзиш, тарғиби тарзи ҳаёти солим байни аҳолӣ, бахусус, ҷавонон, тарбияи насли баркамол, ки поягузорони Ӯзбекистони Нав ҳастанд, инчунин ҷиҳати сохтмони иншооти варзишӣ, таъмиру тармим, мустаҳкам кардани пойгоҳи моддиву техникии онҳо корҳои шоистаи таҳсин амалӣ мегарданд.

Бо ин мақсад даҳҳо фармон ва қарорҳои сарвари давлат имзо гардида, қарорҳои Девони Вазирон, фармоишҳои вазорату ниҳодҳои мутасаддӣ қабул шудаанд. Ғайр аз ин, ҳамасола дар барномаҳои давлатӣ ба масъалаи «Густариши доираи фарогирии ҷавонон бо шуғли тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш» (мақсади 34-ум) диққати махсус дода мешавад.

Дар Фармони Президент «Дар бораи Стратегияи «Ӯзбекистон – 2030» низ то соли 2030 тавассути ташкили чорабиниҳои оммавии варзишӣ ба 8 миллион расонидани фарогирии ҷавонон бо варзиш, ба 36 дарсад зиёд кардани саҳми аҳолӣ дар ин самт, бунёди на кам аз 5 ҳазор майдончаи варзишӣ дар маҳаллаҳо муқаррар гардидааст.

***Маҳз бо мақсади таъмини иҷрои ин санадҳо, барномаҳои давлатӣ, инчунин, дар пояи ислоҳоти густурда дар ин бахш, тӯли ҳашт соли охир корҳои босамар амалӣ гардиданд. Аз ҷумла, маблағҳои солонае, ки аз ҳисоби буҷет барои соҳаи варзиш ҷудо мешаванд, аз 250 миллиард сӯм то ба 3 триллион сӯм афзоиш ёфтанд. Беш аз 250 иншооти бузурги варзишӣ бунёд гардиданд, тақрибан 100 иншоот таъмир шуд, дар маҳаллаҳо, бахусус дар деҳаҳои дурдаст қариб 2 ҳазор майдончаи варзишӣ қад афрохт.***

Муҳимтар аз ҳама, барои аз поёнтарин зина – маҳалла оғоз кардани корҳо ҷиҳати тарғибу оммавӣ кардани намудҳои варзиш низоми муайян роҳандозӣ шуд. Ҳамасола мусобиқаҳои гуногуни варзишӣ, чун «Олимпиадаи панҷ ташаббус», «Нафаси нав», «Ниҳолҳои умед», «Авлоди баркамол», «Универсиада» ва ғайра доир мегарданд. Илова бар ин, аз имсол гузаронидани мусобиқаҳои «Олимпиадаи Президент», «Лигаи мактаб», «Лигаи донишҷӯён», «Ҷоми таълими олӣ», «Ҷоми ректор», «Ҷоми роҳбар», «Ҷоми ҳоким» ва амсоли инҳо роҳандозӣ шуданд.

Маҳз дар доираи ин чорабиниҳо бо қарори Президент «Дар бораи фароҳам намудани шароити иловагӣ барои бо варзиш мунтазам шуғл варзидани ҷавонон» рӯзи панҷшанбеи ҳафта чун Рӯзи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш муайян гардид.

Албатта, ин ҳама ислоҳот, тағйирот, созандагӣ дар соҳаи варзиш, инчунин, комёбиҳои варзишгарони мо дар сатҳи мамлакату арсаи байналмилалӣ шоистаи эътирофанд ва бо онҳо метавон ифтихор кард. Сад афсӯс, ки мо натиҷаҳои чунин иқдом, дигаргунӣ ва бунёдкориҳоро дар ҳама гӯшаву канори мамлакат наметавонем мушоҳида кунем. Дар натиҷаи беэътибории баъзе роҳбарону мутасаддиён ба иҷрои супоришот ва ҳалли мушкилоту муроҷиатҳои шаҳрвандон, ҳанӯз дар баъзе минтақаҳо, бахусус, маҳаллаву деҳаҳои дурдаст сатҳи фарогирии аҳолӣ ва бачагон бо варзиш хеле поин аст, баъзе иншооти варзишӣ таъмирталабанд, пойгоҳи моддиву техникии хароб доранд, бо таҷҳизоти варзишӣ таъмин нагардидаанд ва ҳатто мактабҳое ҳастанд, ки то ҳол толори варзишӣ надоранд.

Яке аз чунин масканҳои таълимӣ мактаби ҳамагонии рақами 67-уми ноҳияи Китоб мебошад, ки аз замони бунёд то ба ҳол на толори варзишӣ дораду на таҷҳизоти зарурии онро.

## ВАЪДАҲО ДАР КОҒАЗ МЕМОНАНД...

Аҳли деҳа солҳост саъю кӯшиш мекунанд, то роҳу имконе пайдо карда, дар мактаб толори варзишӣ созанд ва барои бо спорт машғул шудани фарзандонашон шароит фароҳам оваранд. Бо ин мақсад чанд бор сохтмони толори варзиширо дар лоиҳаи «Буҷети ташаббуснок» гузоштанд, вале бинобар кам будани аҳолии деҳа натавонистанд пирӯз шаванд.

Ғайр аз ин, фаъолони деҳа аз рӯйи ин масъала ба ҳокимияти вилояту ноҳия, садорат ва шуъбаи таълими томактабиву мактабӣ, ҳатто ба ташкилотҳои мутасаддии сатҳи ҷумҳурӣ ариза, талабнома, илтимосномаҳо фиристоданд, борҳо ба таври даҳонӣ муроҷиат карданду мекунанд, аммо фарёдрасе ёфт намешавад, ки мушкилро ҳал кунад. Ҳатто депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис Қаҳрамон Эргашев аз рӯйи ин масъала ба вазири таълими томактабӣ ва мактабӣ номаи расмӣ (аз 15 марти соли 2023, таҳти рақами 04/7-09-80) ирсол намуда, маълум кардааст, ки мактаби рақами 67 то ҳол толори варзишӣ надорад ва донишомӯзон дар мавсими тирамоҳу зимистон аксар дарсҳои тарбияи ҷисмониро ба таври назарӣ ё дар майдончаи саҳни мактаб, ки ба талаб ҷавоб намедиҳад, дар болои барф, лойу хок мегузаранд. Ва хоҳиш намудааст, то «бо ҷалби мутахассисон мушкилро омӯхта, дар бораи натиҷа маълумот диҳанд».

Ба ин хат бо имзои муовини вазир Темурҷон Комилов ҷавоб (аз 28 марти соли 2023, таҳти рақами 03-05/2-1010) дастрас гардида, дар хат роҷеъ ба корҳое, ки дар вилояти Қашқадарё дар ин самт амалӣ гардидаанд, ҳуҷҷатҳои меъёрие, ки имзо шудаанд, маълумот дода, дар охир чунин хулоса шудааст: «бо назардошти муҳим ва зарур будани сохтмони толори варзишӣ ва зали фаъолон дар мактаби таълими умумии рақами 67-уми ноҳияи Китоб, дар асоси тавсияҳои роҳбарони секторҳо ва Шӯрои намояндагони халқи маҳаллӣ, дар давоми соли 2023 аз ҳисоби маблағҳои иловагӣ ё маблағҳои буҷети маҳаллӣ, ё ки бо назардошти таҳияи бастаи лоиҳаҳои инфрасохтори иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, ки дар се соли оянда иҷрои онҳо пешбинӣ шудааст, дар доираи нишондиҳандаҳои мақсадноки барои солҳои 2024-2025 пешбинишуда татбиқ намудани онро мувофиқи мақсад медонем».

Афсӯс, ки соли 2024 гузашту инак, соли 2025 ба охир мерасад. Аммо то ҳол на маблағ ҷудо шуду на толори варзишӣ бунёд гардид.

Аҳли деҳа аз ин беэътиборӣ ба муроҷиатҳо ва ваъдабозиҳои мутасаддиён танг шуда, чанде пеш боз ба «Call-markaz»-и Президенти ҷумҳурӣ (таҳти рақами 17845-rc/25), инчунин, «Телефони боваринок»-и Вазорати таълими томактабӣ ва мактабӣ (таҳти рақами 977) муроҷиат кардаанд. Ва дар асоси ин муроҷиат айнан бо имзои ҳамон муовини вазир – Темурҷон Комилов ба ҳокимияти вилояти Қашқадарё ва муроҷиаткунандагон нома (аз 7 ноябри соли 2025, таҳти рақами 05-41-7588) фиристода шудааст. Дар ин хат низ ҳамон ҷумлаҳои ду сол пеш гуфташуда қариб айнан такрор гардида, дар анҷом чунин хоҳиш ба миён гузошта шудааст: «бо назардошти муҳим ва зарур будани сохтмони толори варзишӣ ва фаъолон дар мактаби таълими умумии рақами 67-уми деҳаи Ҷавзи ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Кӯҳсор»-и ноҳияи Китоб... ҳангоми таҳияи барномаи рушди инфрасохтори иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар солҳои оянда ё аз ҳисоби маблағҳои буҷети маҳаллӣ ва сарпарастӣ ҷудо карда, ҷиҳати беҳсозии инфрасохтор ва бо инвентарҳои зарурии варзишӣ таҷҳизонидани мактаб, фароҳам овардани шароити мусоид ва замонавӣ барои ҷавононе, ки таҳсил мегиранд, ёрии амалӣ расонед».

***Саволи барҳақ ба миён меояд: наход муовини вазир зимни ҷавоб навиштан ба ин муроҷиати ҷавзиён фикр накард, ки чаро ин мушкил ду сол боз ҳалли худро наёфт? Барои чӣ масъаларо, ки худи ӯ «муҳим ва зарур» арзёбӣ кардааст, ҷиддитар пайгирӣ накарда, бо овардани чанд ҷумлаи такрорӣ қаноат намуд? Охир дар замири ин муроҷиат, тақдир ваояндаи садҳо нафар ҷавонон ниҳон аст.***

– Имрӯз дар мамлакатамон бо мақсади тарғиби тарзи ҳаёти солим, ҷалби бештари ҷавонон ба варзиш корҳои шоиста амалӣ мегарданд, – иброз дошт зимни мулоқот бо телефон омӯзгори собиқадор Маҳкамтош Орзуев. – Сад афсӯс, ки донишомӯзони мактаби мо аз аксари чунин имкониятҳо бенасибанд. Росташ, аз даву тоз, муроҷиат хаста шудем. Дар даст чанд нусхаи муроҷиат ва ҷавоби онҳоро дорем. «Ба барнома даровардем», «албатта месозем» мегӯянду лекин афсӯс, ҳама ваъда дар коғаз мемонад...

Воқеан, пас аз дастрас гардидани номаи аҳли деҳа мо низ ба мудири шуъбаи таълими томактабӣ ва мактабии ноҳияи Китоб Мансур Ҷониев хат (таҳти рақами 59, аз 12 ноябри соли 2025) фиристодем ва хоҳиш кардем, то дар бораи корҳое, ки тӯли соли 2025 ҷиҳати бунёди иншооти варзишӣ дар мактабҳои ҳамагонии ноҳия, таъмир ва тармим, инчунин, мустаҳкам кардани пойгоҳи моддиву техникии толорҳои варзишӣ амалӣ гардидаанд ва нақшаҳо барои соли 2026 дар ин самт, дар мисоли мактаби ҳамагонии рақами 67-ум маълумот диҳанд. Дар байн чанд бор бо мудир ва масъули бахши матбуоти шуъбаи таълими томактабӣ ва мактабии ноҳия У. Аҳмадов низ тамос гирифта, хоҳиш кардем, то ба нома ҷавоб фиристанд. Афсӯс, ки аз байн қариб як моҳ гузашту ҷавобе наомад ва ин ҳама талошҳои мо бенатиҷа монд.

## ШУЪЛАИ УМЕДУ БОВАРИРО ХОМӮШ НАКУНЕМ...

Президент дар рафти як мулоқот бо ҷавонон гуфта буд, ки «Кор бо ҷавонон бояд ба вазифаи асоситарини ҳамаи мо, аз Президент то вазир, аз ҳоким то ба раиси маҳалла табдил ёбад. Инак, вақти он фаро расид, ки ҳар як ҳоким, ҳар як вазир ва ҳар як раиси маҳалла ба саволҳои «Имрӯз ман барои ҷавонон чӣ кор кардам? Фардо барои манфиати фарзандонамон боз чӣ корро бояд анҷом диҳам?» бояд ҷавоб дода тавонад ва бо чунин эътиқод зиндагӣ кунад».

Дар ҳоле, ки сарвари давлат дар назди роҳбарон, аз сатҳи маҳалла то ба ҷумҳурӣ чунин вазифа гузоштаанд, чаро мутасаддиёни вилояти Қашқадарё, бахусус, ноҳияи Китоб ба ин муроҷиати аҳли деҳаи Ҷавз, ки бевосита боояндаи насли наврас, солиму баркамол тарбия кардани ҷавонон вобаста аст, беэътиборӣ мекунанд?

Тибқи ҳуҷҷатҳое, ки дар даст дорем, сохтмони бинои иловагӣ барои 180 нафар хонанда ва толори варзишӣ дар андозаи 12x24 дар мактаби ҳамагонии рақами 67-ум ба Барномаи манзилноки сохтмонҳои нав, тармими капиталӣ ва таъмири мукаммал дар ноҳияи Китоб дар соли 2023 дохил карда шудааст ва аз тарафи ҳокими ноҳия А.Зокиров тасдиқу аз ҷониби мудири собиқи шуъбаи таълими халқи ноҳия А.Авлаев имзо гардидааст. Савол пайдо мешавад: чӣ монеъ шуд, ки ин кор амалӣ нагардид? Чаро то ҳол мутасаддиён онро бо баҳонаҳои гуногун аз худ дур кардаву ба таъхир мегузоранд? Наход намедонанд, ки вуҷуд надоштани толори варзишӣ дар мактаб имконияти босифат гузаронидани дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ, ташкили мусобиқа ва маҳфилҳои варзишӣ, инчунин, пурмазмун ташкил кардани вақти холии ҷавононро дар ҳадде маҳдуд месозад.

Мо умед бар он дорем, ки масъулон аз пайи ҳалли ин мушкил мешаванд, то ҳамон шуълаи умеду бовarии дили ҷавонон баояндаи неку дурахшон хомӯш нашавад...

**Фаридуни ФАРҲОДЗОД,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-1228.
Адади нашр 3676. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор:
Т. Тӯхтаев.
Саҳифабанд-дизайнер:
Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 01.30

**Нишонии мо:**
**100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.**
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.